

*Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим*

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим, ҷилди* ***7****, саҳ.* ***122****; Сунани Дорамӣ, ҷилди* ***2****, саҳ.* ***432****; Муснади Аҳмад, ҷилди* ***3****, саҳ.* ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4****, саҳ.* ***366, 371,*** *ҷилди* ***5****, саҳ.* ***182,*** *Мустадраки Ҳоким, ҷилди* ***3****, саҳ.* ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати дуюм**
**Зиндагии пешвои аввал ҳазрати**
**Алӣ ибни Абӯтлиб (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**


نام كتاب: پيشواى اول حضرت اميرمؤمنان على (ع)

نويسنده: هيأت تحريريه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرين تاج

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии Алӣ ибни Абӯтолиб)

**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»

**Мутарҷим**: Зарринтоҷ

**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума

**Адади нашр**: 3000

**Навбати чоп**: Аввал

**Таърихи чоп**: соли 2008

**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»

**Чопхона**: Исроъ

ISBN: 978-964-529-205-6

www.ahlul-bayt.org

info@ahlul-bayt.org



**RIGHTS RESERVED FOR THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посухҳо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои аввал ҳазрати Амири мӯъминон Алӣ (а)

**Алӣ ибни Абӯтолиб (а)**

Бори дигар сухан аз инсоне аст баргузида…

Инсоне, ки на бо таъбири шоирона, балки дар воқеъ қалам аз васфи ӯ оҷиз аст...

Ӯ, ки бартар аз васф, бартар аз андеша ва бартар аз калом буд. Ӯ, ки шигифтангез шукуфт, бо меъёри дигаре зист, ба гунаи дигаре монд ва бо ҳолати бартаре рафт… Инсоне, ки шукӯҳу устувории кӯҳ, нармхӯию зулолии об, хурӯшандагии барқ, гармии офтоб, паҳновари и баҳрҳо, печидагӣ ва бузургии бешазорону ҷангалҳои анбӯҳ, соддагию софии дашту саҳро, покии малакути Худо, ҳама ва ҳамаро як ҷоя дар вуҷуди худ дошт...

Бо мӯъҷиза зода шуд, мӯъҷизаосор зист ва мӯъҷизакорона аз байни мо рафт...

Инак, бо ҳам ҳамаи ин шигифтиҳоро мурур мекунем:



## Таваллуд

Бо Аббос писари Абдулмутталиб ва гурӯҳи дигар рӯ ба рӯи Хонаи Худованд нишаста будем.[1]

Фотимаи духтари Асад ба сӯи Хонаи Худо пеш омад, истод ва чунин гуфт:

“Худовандо, ба ту, паёмбаронат ва китобҳояшон имон дорам. Гуфтори Иброҳим(а), бобои худро рост медонам, ҳамон, ки ин хонаро ба фармони ту бино кард...

Туро ба ӯ ва ба ин кӯдак, ки бо худ дар шикам дорам, савганд медиҳам, ки зоданашро ба ман осон кун!”

Дар ҳамин ҳангом ба чашми хеш ҳама дидем, ки девори Хонаи Худованд аз ҳам шикофт, он бонуи гиромӣ по ба дохил гузошт ва девор дубора ҷои худро гирифт…

Шитобон бархостем, то дари хонаро боз кунем, аммо дар боз нашуд... ва донистем, ки дар ин кор ҳикмати Худованд аст…

Чаҳор рӯз баъд он бонуи азиз бо кӯдаке дар оғуш, ки ба ӯ меболид аз хона по берун ниҳод ва гуфт, ки паёме аз ғайб шунидам номашро “Алӣ” бигзор.[2]

---

[1] Ибни Қаънаб мегӯяд

[2] “Биҳоруланвор” ҷ.35, саҳ.8

Ин воқеа рӯзи ҷумъаи сездаҳуми моҳи раҷаб, сиюми “омулфил” (бисту се сол пеш аз ҳиҷрат) буд.[1]

## Кӯдакӣ ва домони Паёмбар

Имом худ аз ин рӯзгорон чунин ҳикоят мекарданд:

> ***“Ҳангоми кӯдакӣ Паёмбари Худо(с) маро ба домон мегирифт, ба сина мечаспонид, таомро мехоид ва ба даҳонам мегузошт ва аз бӯи хуши худ ба машоми ҷонам мебӯёнид. Ӯ дар гуфторам дурӯғ ва дар кирдорам иштибоҳу нодонӣ наёфт.***
>
> ***Худованд Паёмбарро пас аз ширхорагӣ бо бузургтарин фариштагон ҳамроҳ кард, то шабу рӯз ӯро дар роҳи бузургвориҳою некиҳои ҷаҳон раҳнамун бошад. Ман низ аз Паёмбар пайравӣ мекардам чунон ва чандон, ки кӯдаки ширхора аз модар.***
>
> ***Ҳамарӯза фармон медод, ки аз кирдорҳои ӯ пайравӣ кунам. Ҳар сол ба “Кӯҳи Ҳиро” мерафт ва дар ин ҳангом ҳеҷ кас ҷуз ман ӯро намедид...***

[1] “Иршод”-и Муфид



> ***Дар он айём, ки Ислом ҳанӯз дар ҳеҷ хона роҳ наёфта буд ва фақат Паёмбар ва ҳамсараш Хадича мусулмон буданд, ман сеюмин мусулмон будам... Нури ваҳӣ ва рисолатро медидам ва бӯи паёмбариро мебӯидам”.***[1]

Паёмбари гиромӣ пас аз беъсат ба муддати се сол аз Худо фармон наёфт, ки Исломро ошкор кунад ва дар ин муддат чанд нафаре ба ӯ имон оварданд, ки нахустин кас аз мардон Алӣ буд.[2]

Вақте, ки ояти ***«Хешони наздикатро бим деҳ»*** нозил шуд, Алӣ ба фармони Паёмбар чиҳил нафар аз хешовандонро меҳмон кард, аз ҷумла: Абӯлаҳаб, Аббос ва Ҳамзаро. Таоме, ки барои беш аз як нафар кофӣ набуд, омода шуд ва ба иродаи Худованд ҳама аз он сер шуданд ва аз он чизе кам нашуд. Вақте Паёмбар хост, то ононро ба Ислом даъват кунад, Абӯлаҳаб гуфт: “Муҳаммад шуморо афсун кардааст”! Ин сухан сабаб шуд, ки ҷамъомадагон пароканда шуданд ва ҷаласа таътил шуд.

[1] “Наҳҷулбалоға”, пораи охири хутбаи шумораи 234

[2] “Сираи Ибни Ҳишом” ҷ.1, саҳ.245. “Алғадир” ҷ.3, саҳ.220, 240, Ривоёти зиёде дар ин замина аз китобҳои маъруфи аҳли суннат дар ин китоб нақл шудааст.

Паёмбар ногузир рӯзи дигар ба ҳамон тарз меҳмонӣ дод ва баъд аз хӯрдани таом оғози сухан кард:

> ***“Эй фарзандони Абдулмутталиб! Дар ҷавонони араб касеро суроғ надорам, ки беҳтар аз он чи ман бароятон овардаам, оварда бошад. Ман некию хубии ин ҷаҳон ва ҷаҳони дигарро ба армуғон овардаам. Худо бароям фармон додааст, ки то шуморо ба сӯи ӯ даъват намоям. Пас, кадоме аз шумо дар ин роҳ маро ёварӣ хоҳад кард, то ӯ бародар, васӣ ва ҷонишини ман гардад?”***

Паёмбар ин тақозоро се бор такрор кард ва ҳар бор танҳо Алӣ бархост ва омодагии худро иброз дошт...

Он гоҳ Паёмбар(с) фармуд:

> ***“Ин бародар, васӣ ва ҷонишини ман аст, суханашро бишнавед ва ӯро фармон баред”.***[1]

[1] “Таърихи Табарӣ” ҷ.3, саҳ.171-174 ва инчунин “Маҷмаулбаён” ҷ.7, саҳ.206



**Алӣ (а) дар нахустин шаби ҳиҷрат**

Бо иброз ва ошкори Ислом, Паёмбар аз назари қурайш хатарнок шинохта шуд.

Сарони қурайш дар “Доруннадва” гирд омаданд ва дар қатли Паёмбар ба машварат нишастанд. Саранҷом қарор бар он шуд, ки аз ҳар қабила як нафарро интихоб кунанд, то шабона ба хонаи Паёмбар ҳуҷум намуда, ҳама бо ҳам ӯро бикушанд.

Паёмбар аз сӯи Худо огоҳ шуд ва фармон ёфт, ки он шаб дар ҷои худ нахобида, шабона ҳиҷрат кунад.[1]

Паёмбар фармони Худоро ба Алӣ гуфт ва ба ӯ дастур дод, ки ба ҷои вай дар бистараш бихобад, ба гунае, ки касе надонад ӯ ба ҷои Паёмбар хобидааст. Алӣ бо ҷонбозии худ ҷони Паёмбари гиромиро ҳифз кард ва хатарҳои ин кори бузургро бар худ гирифт. Ин кор чунон чашмгир буд, ки Худованд ояте дар ин мақом нозил кард:

***“Аз гурӯҳи мардум касе аст, ки ҷони худро дар роҳи ризояти Худованд мефурӯшад ва Худо бар бандагон меҳрубон аст”.***[2]

[1] “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ. 480-483

[2] Сураи “Бақара” ояти 207

Шаб фаро расиду ҳама ҷоро зулмонӣ кард ва маъмурони қатл гирдогирди хонаи Паёмбарро иҳота карданд...

Паёмбар дар ҳоле, ки оёте аз сураи “Ёсин”-ро мехонд, аз хона берун омад ва бероҳа ба сӯи “Ғори Савр” дар беруни Макка шитофт...

Қотилон бо шамшерҳои бараҳна ба бистари Паёмбар(с) ҳамла бурданд... Алӣ(а) аз ҷо бархост ва дар бистар нишаст…

Қотилон бо ҳолати барошуфта пурсиданд: Муҳаммад куҷо рафт?

Магар ман маъмур ва масъули нигаҳдошти ӯ будам?!

Алиро бо зану кӯб ба Масҷидулҳаром бурданд ва пас аз андаке нигаҳдоштан, ӯро раҳо сохтанд.[1]

### Алӣ (а) амини Паёмбар (с)

Паёмбар амини қурайш буд ва тамоми амонатҳо назди ӯ буд. Вақте Паёмбар маҷбур шуд ба Мадина ҳиҷрат кунад, дар хона ва қабилааш касеро аминтар аз Алӣ(а) наёфт. Аз ҳамин сабаб ӯро ҷонишини худ кард, то амонатҳои мардумро ба соҳибонашон баргардонад, инчунин қарзҳояшро бидиҳад ва духтарону занонашро ба Мадина расонад…

[1] “Таърихи Табарӣ”ҷ.3, саҳ.1232-1234



Алӣ пас аз анҷоми ҳамаи ин корҳои муҳим, ба ҳамроҳии Фотима (модари худ), Фотима (духтари Паёмбар(с)), Фотима (духтари Зубайр) ва дигарон ба сӯи Мадина роҳ пеш гирифт. Дар роҳ ҳашт нафар аз кофирони Маккаро, ки роҳи ӯро баста буданд, пароканда кард ва замоне ки ба Мадина расид, Паёмбар(с) ӯро ба хонаи худ бурд.[1]

### Алӣ (а) ва ҷиҳод дар роҳи Худо

Ислом дини оштӣ ва зиндагӣ буда, бо одамкушӣ мувофиқ нест. Барои он касе, ки қасдан ва беҷиҳат инсони боимонеро бикушад, азоби ҷовидона муқаррар карда аст.

Ислом ба ҷиҳати ҷомеият ва ҳамаҷониба будан, як дини ҷаҳонӣ аст ва ҳамаи мардум бояд ба он гараванд, пас ниёз ба даъват аз дигарон ва таблиғ дорад.

Ошкор аст, ки аз ҳамон қадамҳои нахустин касоне, ки манфиатҳои шахсии худро бо пазириш ва ҳатто густариши ин дин дар хатар медиданд, ба мухолифат бархостанд. Дар ҳамин ҷо қонуни Ислом ҷиҳоди муқаддасро, вазъ ва ташриъ кардааст, то касонеро, ки бо Ислом душманӣ меварзанд, аз миён бардорад.

Инчунин дифоъ ба ҳукми ақл дар ҷое, ки бегонагон ба мусулмонон ҳамла оваранд, зарурӣ

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.22-23

мегардад. Ба ҳамин ҷиҳат дифоъ ва пешгирӣ аз ҳуҷуми бегонагон аз шохаҳои ҷиҳоди исломӣ аст, ки ақл, фитрат ва инсоф ба дурустии он ҳукм мекунанд...

Бештарин, балки ҳамаи ҷангҳои Паёмбари Ислом(с) аз навъи "дифоъ" будааст. Ҳазрати Алӣ(а) дар бештари ҷангҳо ҳозир мешуд ва аз ҳеҷ чиз ҷуз аз Худо наметарсид. Ӯ дар пайкор ҷасур, нотарс, ягона ва парчамдор буд...

Чун шер меғуррид, чун абр ғуввос мезад ва лашкари душманро чун гирдбод ҳалқа мекард, мепечонд ва нобуд месохт.

Зиреҳаш пушт надошт, ҳаргиз аз майдон намегурехт ва пушт ба душман намекард...

Зарбаи шамшери обдораш марги муҷассам ва ҳалоки қатъӣ буд...

Зарбаташро ниёзе ба зарбаи дуюм набуд...

Шамшераш чун фурӯд меомад, ҷуз бо ҷони душман бар намехост... Акнун бо таърих, ба тамошои бархе аз пайкорҳои ӯ бинишинем:

### Алӣ (а) дар ҷанги Хандақ

Душманони Ислом аз ҳизбҳою дастаҳои гуногун ҳама даст ба даст доданд, то бо ҳам якбора бар Мадина битозанд ва Исломро нобуд кунанд.

Паёмбар(с) ба пешниҳоди Салмони Форсӣ фармон дод, то гирдогирди Мадинаро хандақ кананд…



Ду лашкар рӯ ба рӯи ҳам истоданд.

Амр ибни Абдивад - ҷангҷӯи ҳаштодсолаи номдори араб аз лашкари душман таъриф мекард, ҷавлон медод, хурӯш мекард ва мубориз металабид.

Алӣ қадам ба пеш ниҳод.

Амр гуфт: Баргард, дӯст надорам туро бикушам!

- Ту бо худоят паймон доштӣ, ки ҳар мард аз қурайш ду ҳоҷат аз ту бихоҳад, яке аз онҳоро пазиро шавӣ.

- Оре, ҳоҷати ту чист?

- Нахустин он ки ба Ислом бигаравӣ, ба сӯи Худо ойӣ ва ба Паёмбар(с) имон оварӣ.

- Ба онҳо ниёзе надорам.

- Пас омодаи корзор шав!

- Баргард, миёни ману падарат дӯстӣ буд, дӯст надорам туро бикушам!

- Аммо ман савганд ба Худо, ки дӯст дорам то ҳангоме ки ту аз ҳақ канора меҷӯӣ, туро бикушам.

Амр аз асп пиёда шуд ва бо шамшер зарбае ба сӯи Алӣ(а) зад. Алӣ сипар пеш овард ва шамшери Амр ба сипар бархӯрд ва чизе нашуд...

Он гоҳ Имом бо зарбае ӯро аз по афтонд ва сипас ӯро кушт...

Вақте дигарон чунин диданд, аз пеши Алӣ(а) гурехтанд.[1]

Алӣ пирӯзмандона баргашт. Паёмбар(с) ба ӯ фармуд:

> ***“Офарин бар ту Алӣ! Агар пайкори имрӯзи туро бо ҳамаи корҳои писандидаи уммати Ислом бисанҷанд, ин кори ту бартар аст, зеро дар асари он ҳеҷ ҷойгоҳ аз кофирон боз намонд, магар ки сустию зиллат онро анбошт (пур кунад) ва низ ҳеҷ ҷойгоҳ аз мусулмонон нест, магар, ки иззат ва бартарӣ дар он ҷойгузин хоҳад шуд”.***[2]

**Ҷанги Хайбар**

Паёмбар ба сӯи “Хайбар”- қароргоҳи яҳудиён шитофт.

Дар ин пайкор Алӣ ба сабаби чашмдард, дар ҷанг ширкат надошт. Паёмбар Абӯбакри Сиддиқро даъват кард ва парчамро ба ӯ супорид. Абӯбакр бо сипоҳе аз муҳоҷирин ба ҷабҳа рафт, вале пирӯзӣ наёфт ва баргашт. Рӯзи дигар Умари Форуқ ба ҳамон тартиб рафт ва бенатиҷа баргашт.

Паёмбар фармуд:

---

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.43-45

[2] “Биҳоруланвор” ҷ.20, саҳ.205



- Алиро биёваред ва парчамро ба ӯ супоред!

Ба ҳазрат гуфтанд:

- Ӯ чашмдард аст.

Фармуд:

- Ӯро биёваред. Ӯ мардест, ки Худо ва Паёмбараш ӯро дӯст доранд ва ӯ низ Худо ва Паёмбарашро дӯст дорад.

Алиро оварданд.

- Паёмбар фармуд:

- Алӣ аз чӣ нороҳатӣ дорӣ?

- Аз чашмдард ва сардард.

Паёмбар ӯро дуо кард ва аз оби даҳон бар сару чашми ӯ кашид. Дард аз байн рафт ва Алӣ парчами сафедро барафрошт ва дар даст гирифт. Паёмбари Худо бар ӯ фармуд: “Ҷабраил ҳамроҳи туст ва Ҷабраил бо туст, Худо дар дили онон тарсу бим афканда аст ва бидон, ки онон дар китоби худ ёфтаанд, ки: номи касе, ки мағлубашон месозад, Илиё (Алӣ) аст. Вақте ба онон расидӣ бигӯ, ки номи ман Алӣ аст, ба иродаи Худованд хор хоҳанд шуд”.

Алӣ ба майдон тохт.

Нахуст бо бузурги яҳуд, ки Марҳаб ном дошт, рӯёрӯ шуд. Алӣ бо ӯ гуфтушуниде кард ва саранҷом ба теғаи шамшер ӯро ба хок афканд. Яҳудиён ба даруни қалъа паноҳ бурданд ва дарро бастанд. Алӣ пушти дар омад ва онро, ки бист нафар мебастанд, яктана кушод, аз ҷо канд ва бар хандақи қалъаи яҳудиён афканд, то

мусулмонон аз он гузаштанд , ба қалъа даромаданд ва пирӯз шуданд.[1]

**Дониши Алӣ (а)**

Ибни Аббос аз Паёмбар(с) нақл мекунад, ки:

> ***"Алӣ донотарини уммати ман ва дар доварӣ бар ҳама бартар аст".***

Ва инчунин гуфтаи Паёмбар(с) аст, ки:

> ***"Ман ба гунае шаҳри донишам ва Алӣ ба манзалаи дари он. Ҳар кас дониш биҷӯяд, бояд аз Алӣ фаро гирад".***

Ибни Масъуд низ мегӯяд:

> ***"Паёмбар(с) Алиро талабид ва бо ӯ ба хилват нишаст, чун боз омад, пурсиданд, ки чӣ мегуфтед?***
>
> ***Фармуд: Паёмбар ҳазор дар аз дониш бар ман кушод, ки аз ҳар дар ҳазор дари дигар боз мешавад".***

Боре ҳазрати Алӣ(а) аз болои минбар фармуд: "***Эй гурӯҳи мардумон! Аз ман бипурсед, пеш аз он ки маро аз даст диҳед.*** Аз ман бипурсед, барои он ки дониши гузаштагон ва ояндагон пеши ман аст. Савганд ба Худо, агар маснади қазоват бигустаранд, барои яҳудиён аз китоби худашон, барои пайравони Инҷил аз ҳамон китоб, барои пайравони Забур аз ҳамон ва барои аҳли Қуръон

[1] "Иршод"-и Муфид саҳ.57-58



аз Қуръон доварӣ хоҳам кард... Савганд ба Худо, ман аз ҳама ба Қуръон ва таъвили он донотарам".

Он гоҳ бори дигар фармуд:

> ***"Аз ман бипурсед, пеш аз он ки маро аз даст диҳед. Агар аз якояки ояҳои Қуръон суол кунед, посухатон хоҳам гуфт, аз ҳангоми нузули он, аз ин ки дар бораи чӣ касе нозил шуда, инчунин метавонам аз носих ва мансух, хос ва ом, муҳкам ва муташобеҳ, маккӣ ва маданӣ будани оятҳо ва ... хабар диҳам".[1]***

Паёмбари гиромии Ислом(с) бар асоси ҳамаи фазилатҳои Алӣ(а) аз сӯи Худо фармон дошт, ки васоят ва ҷонишинии ҳазрати Алӣ(а)-ро ба мардум расонад. Ин амрро дар мавридҳои гуногун аз ҷумла дар рӯзи Ғадири Хум анҷом дод. Паёмбари Ислом(с) дар соли даҳуми ҳиҷрат роҳии Макка шуд, то фаризаи ҳаҷро анҷом диҳад. Ҳамроҳони Паёмбарро дар ин сафар то саду бист ҳазор нафар навиштаанд. Ҳангоми бозгашт чунин ҷамъияте ҳамроҳи Паёмбар буданд ва рӯзи ҳаждаҳуми моҳи зулҳиҷҷа наздики нимрӯз дар сахрои Ҷӯҳфа ба Ғадири Хум расид. Дар ин ҳангом азони намоз эълон шуд, мардум бо имомати Паёмбар намозро анҷом доданд. Баъд аз фориғ шудан аз намоз онон аз

[1] "Иршод"-и Муфид саҳ.15-16

бору банди шутурон маконеро омода карданд. Паёмбари Ислом(с) бар болои он баромад ва пас аз ситоиши Худованд чунин фармуд:

- Ману шумо ҳарду масъул ҳастем, чӣ мегӯед?

- Гувоҳем, ки моро таблиғ кардед, дар ин роҳ бисёр кӯшишу заҳмат кашидед, Худо туро беҳтарин подош диҳад!

- Оё ба ягонагии Худованд ва паёмбарии бандааш Муҳаммад(с) гувоҳӣ намедиҳед ва ба дурустии биҳишт, дӯзах, марг, растохез ва зиндагии пас аз марг иқрор нестед?

- Гувоҳӣ медиҳем.

- Худоё гувоҳ бош. Он гоҳ рӯ ба сӯи мардум кард ва боз фармуд:

- Мардум! Ману шумо канори ҳавзи Кавсар якдигарро хоҳем дид, ҳушёр бошед, ки пас аз ман бо ду (гавҳари гаронбаҳо) чӣ гуна хоҳед буд?

- Эй Паёмбари Худо, он ду чист?

- Китоби Худо ва “Аҳли Байт”-и ман. Парвардигори ман хабар додааст, ки ин ду аз ҳам ҷудо намешаванд, то канори (ҳавзи) Кавсар бар ман ворид шаванд... Аз онон пешӣ маҷӯед, ки ҳалок хоҳед шуд ва ҳам ақиб намонед, ки сабаби ҳалокат аст. Дар ин ҳангом дасти Амири мӯъминон Алӣ(а)-ро боло кард, то ҳамаи мардум ӯро бинанд ва шиносанд, пас он гоҳ дар ҳамон ҳол фармуд:



***- Мардум, чӣ касе ба мӯъминон аз эшон сазовортар аст ва бар онон вилоят ва сарпарастӣ дорад?***

- Худо ва Паёмбараш донотаранд.

- Худо бар ман вилоят дорад ва ман бар мӯъминон, ман бар гаравидагон аз худи онон сазовортарам, пас:

***- Ҳар касро ман валӣ ва сарпарастам, Алӣ сарпараст ва валии ӯст.***

***Худои ман! Дӯстонашро дӯст дор ва бо душманонаш душман бош!***

***Ёрӣ кун ҳар ки ӯро ёрӣ кунад ва кайфар деҳ онро ки бо вай ситезад...***

Ҳон! Ҳар ҳозире бояд ба ғоибон ин паёмро расонад.

Ҳанӯз мардум пароканда нашуда буданд, ки ин оят нозил шуд:

***“Имрӯз динатонро комил ва неъматро бар шумо тамом кардам ва розӣ шудам, ки Ислом дини шумо бошад”.***[1-2]

### Баробарӣ дар ҳуқуқ

Ҳазрати Алӣ(а) ҳангоми ба даст гирифтани ҳукумати исломӣ бар минбар рафт ва пас аз ситоиши Худованд фармуд:

---

[1] Сураи Моида, ояти 3

[2] “Алғадир” ҷ.1, саҳ.9-11

***“Савганд ба Худо, то замоне, ки як нахл дар Мадина дошта бошам аз байтулмол чизе бар намедорам. Дуруст андеша кунед, ки оё вақте ман худ аз байтулмоли мусулмонон ба худ саҳме намедиҳам, метавонам онро ба шумо диҳам?”***

Ақил бархост ва гуфт: “Маро бо сиёҳпӯсте, ки дар Мадина аст баробар мегузорӣ?”

Фармуд:

***“Бинишин бародар, магар ҷуз ту касе дар ин ҷо набуд, ки сухан гӯяд. Ту бар он сиёҳпӯст ҳеҷ бартарӣ надорӣ, магар аз ҷиҳати имон ва ё парҳезкорӣ”.*[1]**

Бархе аз пайравонаш назди он ҳазрат гуфтанд: “Эй Амири мӯъминон! Агар аз байтулмол нахуст саҳми бештаре ба саркардагон медодӣ, то ҳукумат ба по истад, баъд аз он ба адолат байни ҳама ҳукумат мекардӣ, беҳтар набуд?”.

Имом фармуд:

***“Дарегo! Шумоён аз ман мехоҳед, то пояҳои ҳукумати худро бар ситам ва бо беадолатӣ нисбат ба мусулмонон устувор гардонам. Ҳаргиз, савганд ба Худованд, ки ҳеҷ гоҳ чунин коре аз ман сар нахоҳад зад, савганд ба Худованд, ки***

[1] “Васоил” ҷ.11, саҳ.79



***агар амволи мусулмонон низ аз они худам мебуд, боз миёни эшон ба баробарӣ рафтор мекардам, чӣ расад, ки амвол аз они худи онон аст”.*[1]**

**Адолат ва додхоҳӣ**

Пас аз шаҳодати ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб(а), рӯзе Суда - духтари Аммор, ки аз қабилаи Ҳамдон буд, бар Муовия ворид шуд.

Муовия фаъолият ва кӯшишҳои зиёди Сударо, ки дар ҷанги Саффайн ба фоидаи ҳазрати Алӣ(а) ва дар сипоҳи он гиромӣ анҷом медод, ба ёд овард ва ӯро сарзаниш кард... Он гоҳ аз ӯ пурсид:

- Барои чӣ ин ҷо омадаӣ?

Гуфт:

- Эй Муовия! Худо туро барои аз байн бурдани ҳуқуқи воҷиби мо бозхост хоҳад кард. Ту пайваста фармондороне бар мо мефиристӣ, ки моро чун маҳсулоти расида дирав мекунанд, чун донаҳои испанд поймол намуда ва маргро бар мо мечашонанд. Инак Буср ибни Артотро фиристодаӣ, ки мардони моро мекушад ва амволи моро мебарад. Агар намехостем аз ҳукумати марказӣ пайравӣ кунем, худ акнун дорандаи иззату қудрат будем, агар ӯро аз вазифа

[1] “Васоил” ҷ.11, саҳ.80

барканор кунӣ чи беҳтар вагарна мо худ қиём хоҳем кард...

Муовия барошуфт ва гуфт:

- Маро аз қабилаи хеш метарсонӣ? Туро бо бадтарин ҳолат назди ҳамон Буср мефиристам, то бо ту ҳар чи раво мебинад анҷом диҳад.

Суда андаке хомӯш монд, гӯё дар зеҳни худ хотираҳои бошукӯҳи гузаштаро мековид, он гоҳ ин шеърҳоро хонд:

- ***"Дуруди Худованд бар он равон, ки дар гӯр хуфт ва бо марги ӯ адолату додгарӣ ба хок супорида шуд. Ӯ ҳампаймони ҳаққу ростӣ буд ва ҳақро бо ҳеҷ чиз иваз намекард, ҳақ ва имон дар ӯ як ҷо фароҳам омада буд".***

Муовия пурсид:

- Ин чӣ касе аст?

Суда посух дод:

- Ҳазрати Алӣ ибни  Абӯтолиб (а). Ба ёд дорам, ки назди ӯ рафтам ва мехостам аз маъмури ҷамъоварии закот шикоят кунам. Вақте назди ӯ расидам, барои намоз хондан бархоста буд, чун маро дид, намозро шурӯъ накард ва бо рӯи кушода ва меҳрубонӣ фармуд:

-Оё ҳоҷате дорӣ?

Гуфтам:

- Оре. Ва шикояти худро баён кардам.

Он гиромӣ ҳамчунон, ки бар остонаи намози хеш истода буд, гирист ва он гоҳ ба Худованд гуфт: Худоё, ту огоҳу шоҳид бош, ки ман ҳаргиз



фармон надодаам, ки ӯ (маъмури ҷамъоварии закот) ба бандагонат ситам кунад. Он гоҳ ҳазрат бедиранг қитъаи пӯстеро оварду баъд аз номи Худо ва ояте аз Қуръон чунин навишт:

***"... Он гоҳ, ки номаамро хондӣ, дасту болатро ҷамъ кун, то касеро бифиристам онҳоро аз ту таҳвил бигирад..."*** ва номаро ба ман дод. Савганд ба Худо, ки на он номаро баст ва на мӯҳр кард, номаро ба он маъмур додам ва ӯ аз мансаб барканор гардид ва аз назди мо рафт...

Муовия пас аз шунидани ин достон ноилоҷ фармон дод, ки ҳар чи мехоҳад барои ӯ бинависанд![1]

## Амири мӯъминон (а) ва хулафои сегона

Пас аз он ки Паёмбар(с) дидагони хешро аз ҷаҳон ба зоҳир фурӯ баст ва хуршеди тобноки вуҷуди ӯ аз осмони манзари мардумон ғуруб кард, бархе дар Сақифаи Бани Соида гирд омаданд. Онон дар ин рӯз бидуни машварати ҳазрати Алӣ ҳукуматро ба Абӯбакри Сиддиқ супориданд ва пас аз ӯ Умари Форуқ ва он гоҳ Усмонро ба хилофат расонданд. Ин хулафои сегона ҳудуди бисту панҷ сол пас аз Паёмбари гиромӣ бар мардум ҳукумат карданд. Дар ин муддати дароз сазовортарину ягонатарин марҷаи

[1] "Сафинатулбиҳор" ҷ.1, саҳ.671-672

худоӣ ва воқеии ҳукумати исломӣ, ҷонишини паёмбар, имоми роҳбару додгар ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб(а) тан ба сабру шикебоӣ супурд ва дар хона умр ба сар бурд. Ин аз дареғангезтарин ва талхтарин ҳодисаҳои таърихи башарӣ аст..., чандон ки ҳатто пайравони динҳои дигар ва низ онон ки ҳеҷ дине надоранд бо донистани собиқаҳои азими хидматҳо ва заҳматҳои тоқатфарсои ҳазрати Алӣ(а) дар роҳи Ислом ва покҷонӣ, покдилӣ, шуҷоат, қудрати андеша, вусъату густурдагии дониш ва инсофу додхоҳии ӯ беихтиёр аз ин ситам, ки онон ба сарнавишти миллати исломӣ раво доштанд, афсӯс мехӯранд… чи расад ба мусулмонони мунсиф ва то чи расад ба мо шиаён... Дареғу афсӯси мо аз ин воқеа ва аз ин фоҷиа аз силсилаи кӯҳсорон дарозандомтар ва баландтар аст…

Абӯбакри дар соли даҳуми ҳиҷрат халифа шуд ва дар соли сездаҳум дар 63-солагӣ аз дунё рафт. Ӯ ду солу се моҳу даҳ рӯз хилофат карда буд.[1]

Пас аз ӯ Умар ибни Хаттоб рӯи кор омад ва дар охирҳои моҳи зулҳиҷҷаи соли бисту се ба дасти Абӯлӯълӯи Фирӯз кушта шуд. Муддати хилофаташ даҳ солу шаш моҳу чор рӯз буд.[2]

---

[1] "Муруҷуззаҳаб" ҷ.2, саҳ.298

[2] "Муруҷуззаҳаб" ҷ.2, саҳ.304



Халифаи дуввум Умар ҳангоми таъйини халифаи пас аз худ, дастури ташкили шӯроеро дод, ки натиҷаи он ба фоидаи Усмон ибни Аффон тамом шуд. Усмон пас аз Умар ва ташкили шӯро дар аввалҳои муҳаррами соли 24-и ҳиҷрӣ умури хилофатро ба даст гирифт ва дар моҳи зулҳиҷҷаи соли 35-и ҳиҷрӣ ба дасти гурӯҳе аз мусулмонон кушта шуд. Хилофати ӯ 12 сол (чанд рӯз кам) идома дошт.[1]

Пас аз реҳлати Паёмбари гиромӣ, ҳазрати Алӣ(а) дар баробари ононе, ки ҳаққи ӯро поймол карданд истод, эътироз кард ва то ҷое, ки масолеҳи олии Ислом иҷозат медод ва низ имкон дошт, дар зимни гуфтаҳою далелҳо матолибро равшан сохт ва ба мардум фаҳмонд, ки баъд аз Паёмбар чи иттифоқе афтод. Бонуи бузурги Ислом ҳазрати Заҳро саломуллоҳи алайҳо дар ин замина бо ӯ ҳамроҳу ҳамкор буд. Гурӯҳе аз бузургони асҳоби Паёмбар чун Салмон, Абӯзар, Миқдод ва Аммори Ёсир низ ҳамвора ҳамдаму ҳимоягари он ҳазрат буданд. Ҳазрати Алӣ(а) аз ҷиҳати масолеҳи Ислом ва ин ки Ислом ҳанӯз навпо ва ҷавон буд ва решааш ҳанӯз мустаҳкам нашуда буд, аз даст бурдан ба шамшер ва эҷоду барангехтани оташи ҷанги дохилӣ, ки табъан ба зарари Ислом тамом мешуд ва заҳматҳои

---

[1] "Муруҷуззаҳаб" ҷ.2, саҳ.331

Паёмбарро мумкин буд аз байн барад, худдорӣ фармуд. Алӣ(а) ҳатто дар мавридҳои лозим барои ҳифзи обрӯи Ислом аз ҳар гуна роҳнамоӣ ва ҳидоят низ дареғ наварзид, чунон ки халифаи дуюм такрор ба такрор мегуфт:

***“Агар Алӣ набуд, Умар ҳалок мешуд.*[1]**

Роҳнамоиҳои фоиданок, чи дар корҳои динӣ ва чи дар бисёре аз мушкилҳои сиёсӣ чунон онҳоро ҳайрон карда буд, ки беихтиёр ба бузургворию дониши он имоми пок эътироф мекарданд. Инак бархе аз ин мавридҳоро дида мебароем:

### Дар замони Абӯбакр

Бархе аз донишмандони яҳудӣ назди Абӯбакр омаданд ва аз ӯ пурсиданд:

- Оё Худо дар осмон аст ё дар замин?

Абӯбакр ҷавоб дод:

- Ӯ дар осмон бар арш аст.

Онон гуфтанд:

- Пас замин аз ӯ холӣ аст ва маълум мешавад, ки Худо дар маконе ҳаст ва дар маконе нест...!

Абӯбакр гуфт:

- Ин сухани кофирон аст, дур шавед! Вагарна фармони куштани шуморо хоҳам дод.

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.40, саҳ.149



Онҳо баргаштанд ва Исломро ба масхара гирифтанд. Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб (а) яке аз онoнро хост ва ба ӯ гуфт:

«Медонам, ки чи пурсидӣ ва чи посух шунидӣ, аммо бидон, ки Ислом мегӯяд:

Худованд худ падидоварандаи макон аст, пас макон надорад ва бартар аз он аст, ки макон ӯро фаро гирад. Ӯ дар ҳама ҷо аст, бе он ки муҷовират[1] ва тамосе дошта бошад. Ӯ ба ҳар чиз иҳотаи илмӣ дорад... ».

Яҳудӣ қаноатманд шуд ва Ислом овард..![2]

### Дар замони Умар

Шахсе ба номи Қудома ибни Мазъун шароб хӯрд. Умар хост ӯро ҳадди шаръӣ (яъне дар ин мавридҳаштод тозиёна) бизанад. Қудома гуфт: задани ҳад бар ман воҷиб нест, зеро Худованд мефармояд:

***“Бар онон, ки имон овардaнд ва кирдори некӯ кардаанд, дар чизҳое, ки мехӯранд, то он гоҳ ки тақвою амали солеҳ дошта бошанд, боке нест”.*[3]**

Умар ӯро ҳад назад.

Хабар ба ҳазрати Алӣ(а) расид, назди Умар омад ва талаб кард, ки чаро қонуни Худовандро

[1] Ҳамҳудуд, ҳамсоя, ҳамҷавор, наздик.

[2] “Эҳтиҷоҷ”-и Табарсӣ чопи нав ҷ.1, саҳ.312

[3] Сураи “Моида” ояти 93

иҷро накардӣ? Умар ҳамон оятро бар ҳазрати Амир хонд. Имом фармуд: Қудома шомили ин оят нест, зеро онҳо ки ба Худованд имон овардаанд ва кори некӯ анҷом медиҳанд, ҳароми Худоро ҳалол намекунанд. Қудомаро баргардон ва аз ӯ талаби тавба бихоҳ, агар тавба кард, бар ӯ ҳадро ҷорӣ кун ва агар қабул накард, бояд ба қатл расад, зеро бо инкори ҳурмати шаробхорӣ аз Ислом хориҷ шудааст. Қудома вақте ин хабарро шунид, омад ва тавба кард ва аз гуноҳ даст кашид.

Умар миқдори ҳадро аз Алӣ(а) пурсид, фармуд: ҳаштод тозиёна.[1]

### Дар замони Усмон

Алломаи Маҷлисӣ аз Кашшоф, Саълабӣ ва Арбаини Хатиб нақл мекунад, ки зане дар замони Усмон шашмоҳа таваллуд кард. Усмон дастур дод, ки ба гуноҳи зино ва ин ки ин фарзанд аз шавҳари ӯ нест ва ӯ пештар аз каси дигар ҳамл бардоштааст, ӯро сангсор кунанд.

Алӣ(а) ин хабарро шунид ва ба Усмон фармуд: "Ман бо китоби Худо бо ту ба гуфтугӯ бармехезам, зеро Худованд дар ояте аз Қуръон ҷамъи муддати ширдодан ва ҳамлро 30 моҳ таъйин кардааст, он ҷо ки мефармояд:

***"Бордорӣ ва шир додан рӯи ҳам сӣ моҳ аст".***[1]

[1] "Иршод"-и Муфид саҳ.97



Ва дар ҷои дигар муддати шир доданро ду сол, - бисту чор моҳ таъйин намудааст:

***"Модарон бояд, ки фарзандони худро ду соли комил (24 моҳ) шир диҳанд.***[2]

Пас агар муддати шир додан ба таври қатъӣ 24 моҳ таъйин шуда бошад, ҳадди ақалли муддати бордорӣ бар асоси ояти нахустин, ки маҷмӯи бордорӣ ва шир доданро сӣ моҳ таъйин кардааст, шаш моҳ хоҳад буд. Пас ин зан ба ҳукми Қуръони Карим ҳеҷ гуна хилофе накардааст... Усмон фармон дод, занро раҳо карданд.[3] Донишмандон ва фуқаҳои мо бар асоси истифода бар ҳамин ду оят ҳадди ақалли муддати бордориро шаш моҳ донистаанд, яъне ҳукм мекунанд, ки мумкин аст кӯдаке аз нутфаи падари шаръии худ дар шашмоҳагӣ ба дунё ояд, вале камтар аз он имкон надорад. Манзури Алӣ(а) низ ҳамин матлаб будааст.

### Шаҳодати он гиромӣ

Дар соли чилуми ҳиҷрат бархе аз "хавориҷ"[4] дар Макка гирдиҳам омаданд ва тарҳи дасисаро афканданд, ки Алӣ, Муовия ва Амри Осро дар

[1] Сураи "Аҳқоф" ояти 15

[2] Сураи "Бақара" ояти 233

[3] "Маноқиб" ҷ.2, саҳ.192, чопи Наҷаф

[4] Фирқаест, ки бо Алӣ[(а)] ва пайравонаш душманӣ дорад.

Кӯфа, Шом ва Миср дар вақти муайян ба қатл расонанд. Шаби нуздаҳуми моҳи муборакн Рамазон ба унвони замони қатл интихоб шуд. Иҷрокунандагони ин сӯиқасд ба ин қарор муайян шуданд: Абдурраҳмон писари Мулҷам - қотили ҳазрати Алӣ(а), Ҳаҷоҷ писари Абдуллоҳи Сураймӣ - қотили Муовия ва Амр писари Бакри Тамимӣ - қотили Амри Ос.

Ибни Мулҷам ба ҳамин манзур ба Кӯфа омад ва ҳеҷ касро аз нияти палиду шуми хеш огоҳ насохт... Ӯ дар хонаи яке аз хавориҷ ба Қутом, ки зани бисёр зебову дилрабо буд во хӯрда, дил ба ӯ бохт ва ба фикри издивоҷи ӯ афтод. Вақте аз ӯ хостгорӣ кард, Қутом гуфт:

“Маҳрияи ман се ҳазор дирҳам пул, як банда ва низ куштани Алӣ ибни Абӯтолиб аст”. Қутом аз пеш ба хотири ҳалокати падару бародараш дар ҷанги Наҳравон ба дасти Алӣ бо он имоми гиромӣ кина меварзид ва ба ӯ душмании зиёд дошт. Ибни Мулҷам назди Қутом фош кард, ки иттифоқан барои ҳамин кор ба Кӯфа омадааст. Ба ин тартиб ибни Мулҷам дар тасмими қаблии худ, ба ҳавои комҷӯӣ аз Қутом мусаммамтар[1] шуд...

Саранҷом он шаби шум фаро расид...

---

[1] Ҷуръат ва тасмими бештар.



Ибни Мулҷам бо як ё ду нафар аз ҳамдастони худ, шаби нуздаҳуми моҳи Рамазонро дар масҷиди Кӯфа бо ин фикри палид ба поён расонд...[1]

Сию чанд сол пеш аз он шаби шум, ҳазрати Алӣ(а) аз Паёмбар шунида буд, ки дар моҳи Рамазон кушта хоҳад шуд.

Достонро аз забони худи Алӣ(а) бишнавед:

> ***“... Вақте Паёмбар он хутбаи машҳурро дар бораи моҳи Рамазон хонд, ман бархостам ва пурсидам: Эй Паёмбари Худо арзишмандтарини кирдорҳо дар ин моҳ чист? Фармуд: парҳез аз гуноҳон, он гоҳ Паёмбар дардмандона гирист ва аз шаҳодати ман дар ин моҳ хабар дод...”.***[2]

Аз вазъи рафтору гуфтори имом низ ошкор буд, ки медонад дар ин моҳ ба шаҳодат хоҳад расид. Ҳамон сол фармуда буд:

> ***“Имсол дар мавсими ҳаҷ дар миёни шумо нестам”.***

Инчунин вақте ба ӯ мегуфтанд: Чаро ҳангоми ифтор кам таом майл мекунед? Мефармуд:

---

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.9

[2] “Уюну ахборирризо” ҷ.1, саҳ.297

***Мехоҳам бо шиками холӣ Худоро мулоқот кунам.***[1]

Ҳазрат дар шаби нуздаҳум ҳеҷ нахобид ва бисёр мефармуд:

***“Ба Худо савганд, дурӯғ намегӯям ва низ дурӯғ ба ман гуфта нашудааст. Ин шаб ҳамон шаби ваъдашуда аст”.***[2]

Саранҷом саҳаргоҳи он шаб, ҳангоме ки ҳазрати Алӣ(а) ба масҷид омад, дар ҳоли адои намози субҳ шамшери заҳрогин ва хуношоми палидтарини мардумон Ибни Мулҷам фурӯд омад..., хуршед дар меҳроби ҳақ гулгун шуд ва ду рӯз баъд дар шаби бисту якуми моҳи Рамазон, дар соли чилуми ҳиҷрат ғуруб кард...[3]

Тани покашро дар хоки муқаддаси Наҷаф ниҳоданд, ки имрӯз каъбаи дилҳои мусулмонон, бахусус шиаён аст.

Имом ҳамонгуна, ки дар ҳамаи умр бо ёди Худо мезист, дар лаҳзаи вуқуи фоҷиа низ ба ёди Худо буд...

Чун шамшери Ибни Мулҷам аз паси пушт пешонии равшани он азизро шикофт, нахустин ҷумлае, ки гуфт ин буд:

---

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.151

[2] “Иршод”-и Муфид саҳ.8

[3] “Иршод”-и Муфид саҳ.5. “Биҳоруланвор” ҷ.42, саҳ.281



***“Фузту ва раббил каъба, - Ба Худои Каъба савганд, растагор шудам”.***

Он гоҳ, он имомро ғарқа дар хуни поки хеш ба хона burданд…

Ду рӯз дар бистари шаҳодат орамида буд ва дар ҳамаи лаҳзаҳо боз ба фикри салоҳу саломати мардум буд... . Бо он ки масъалаи имомати ҳазрати Имом Ҳасан(а) ва ҳам имомати ҳазрати Ҳусайн ва фарзандони он ҳазрат то имоми дувоздаҳумро Паёмбар ва низ Алӣ(а) аз пеш такрор ба такрор ёдовар шуда буданд, боз барои итмоми ҳуҷҷат дар лаҳзаҳои охири умри худ, онро бо мардум бозгӯ мекард…[1]

## Охирин суханон

Дар лаҳзаҳои вопасин ба фарзандон, наздикон ва ба ҳамаи мусулмонон чунин васият фармуд:

***“... Шуморо ба парҳезкорӣ супориш мекунам ва ба ин ки корҳои худро муназзам кунед, ҳамеша дар фикри ислоҳ байни мусулмонон бошед...***

***Ятимонро фаромӯш накунед, ҳуқуқи ҳамсоягонро риоят кунед…***

***Қуръонро барномаи амалии худ қарор диҳед...***

---

[1] “Усули Кофӣ” ҷ.1, саҳ.298

***Намозро бисёр гиромӣ доред, ки сутуни дини шумост.***

***Дар роҳи Худованд бо сарват, баён ва ҷони худ ҷиҳоду фидокорӣ кунед...***

***Бо ҳам бипайвандед... Амри ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро тарк накунед, чаро ки агар аз ин вазифаи илоҳӣ сар печед, палидони ҷомеа бар шумо ҳукумат мекунанд ва он гоҳ ҳар чи бар зидди онон дуою нафрин кунед мустаҷоб нахоҳад шуд..."***[1]

Дуруди Худо, покон ва некон бар он Имоми бузург, ки нотакрор буд: шигифт[2] зода шуд, шигифт зист ва шигифт рафт.

***Поён.***

[1] "Наҳҷулбалоға" ҷ.2, саҳ47, чопи Димишқ. ( Албатта бо ин таваҷҷӯҳ, ки матолиби ин васият кӯтоҳ ва ба гунае нақл ба мазмун тарҷума шудааст).

[2] Мӯъҷизонок, мӯъҷизаосор, мӯъҷизакорона, нотакрор.



## Мундариҷа

Сарсухан ........ 5
Алӣ ибни Абӯтолиб (а) ........ 9
Таваллуд ........ 10
Кӯдакӣ ва домони Паёмбар ........ 11
Алӣ (а) дар нахустин шаби ҳиҷрат ........ 14
Алӣ (а) амини Паёмбар (с) ........ 15
Алӣ (а) ва ҷиҳод дар роҳи Худо ........ 16
Алӣ (а) дар ҷанги Хандақ ........ 17
Ҷанги Хайбар ........ 19
Дониши Алӣ (а) ........ 21
Баробарӣ дар ҳуқуқ ........ 24
Адолат ва додхоҳӣ ........ 26
Амири мӯъминон (а) ва хулафои сегона ........ 28
Дар замони Абӯбакр ........ 31
Дар замони Умар ........ 32
Дар замони Усмон ........ 33
Шаҳодати он гиромӣ ........ 34
Охирин суханон ........ 38